*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

№ 51 (647),
29 декабри
соли 2025

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ КОРКАРДИ ШИРИ ҶДММ ШИРИ ҶАЙҲУН



**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни корҳои созандагию бунёдкорӣ, ифтитоҳи як зумра иншооти муҳим ва боздид аз хоҷагиҳои кишоварзӣ ба минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ташриф овარданд.**

Зимни сафар дар маҷмуъ наздики 60 иншоот мавриди истифода қарор гирифта, ба сохтмони 7 иншооти дигар оғоз бахшида мешавад. Танҳо дар соҳаи маориф 18 муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 13700 хонанда дар ду баст ва 10 муассисаи томактабӣ барои 1500 кӯдак мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамчунин, 8 корхонаи саноатӣ бо наздики 600 ҷойи корӣ ифтитоҳ меёбад. Ғайр аз ин, давоми соли равон бо саҳмгузории соҳибкорон ва мардуми саховатпеша дар ҳудуди вилоят 546 километр роҳ навсозӣ гардидааст.

Боздиди кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон бо ифтитоҳи Корхонаи Шири Ҷайҳун оғоз ёфт.

Дар ин корхонаи нави саноатӣ, ки дар заминаи Ҷамъияти саҳҳомии пушидаи Комбинати шири Душанбе бунёд гардидааст, истеҳсоли зиёда аз 10 намуди маҳсулот, аз ҷумла қаймоқ, творог, кефир, ҷурғот, кефири мевагӣ, дуғоб ва маска ба роҳ монда шудааст.

Корхонаи нави истеҳсолӣ дар ноҳияи Ҷайҳун дар заминаи дастуру ҳидоятҳои созандаи Роҳбари давлат аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Наврӯз Комилов бо мақсади таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти табиӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар сохта шуда, бо хатҳои муосири истеҳсолӣ таъмин гардидааст.

Корҳои сохтмонӣ соли 2024 дар асоси нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ оғоз гардида, дар муҳлати пешбинигардида ба анҷом расонида шуд. Таҷҳизоту дастгоҳҳои истеҳсолии корхонаи саноатӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид ва васлу насб гардидааст.

Корхона дорои ду сардхона барои нигоҳдории маҳсулот ва воситаи нақлиёти махсус барои ба нуқтаҳои фурӯш дастрас намудани маҳсулот мебошад. Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Шири Ҷайҳун 35 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ, 15 каси дигар бо ҷамъоварии шир аз аҳолӣ ва дигар корҳои ёрирасон машғуланд, дар маҷмуъ 50 кас бо кор ва маоши хуб таъмин шудаанд.

Иқтидори истеҳсолии Шири Ҷайҳун дар як шабонарӯз 10 тонна маҳсулоти ширии дорои сифати баландро ташкил медиҳад.

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки маҳсулоти корхона таҳти номи Шири Ҷайҳун дар зарфҳои гуногун асосан дар бозорҳои дохилӣ ба фурӯш бароварда мешавад.

Маҳсулоти хоми корхона аз аҳолӣ дастрас мегардад ва бо ин мақсад 3 воситаи нақлиёт ҷудо гардида, дар 4 деҳоти ноҳияи Ҷайҳун нуқтаҳо барои ҷамъоварии шир ташкил карда шудааст. Маҳсулоти дастрасшуда ба корхона дар озмоишгоҳ, ки мувофиқ ба талаботу меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷиҳозонида шудааст, қабл аз коркард мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо раванди истеҳсолот дар ҳамин ҷо аз гӯшаи намоиши маҳсулоти истеҳсолии корхона дидан карданд.

Дар намоишгоҳ маҳсулоти ширии корхонаи нави саноатӣ, ки бо сифати баланд истеҳсол ва барои пешниҳод ба бозори истеъмолӣ омода мегардад, муаррифӣ карда шуд.

Пешвои миллат зимни шиносоӣ бо маҳсулоти корхона ҷиҳати равона намудани таваҷҷуҳи зиёд ба риояи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми коркарди шир ва бандубасти он дар асоси талаботи миллию байналмилалӣ ба масъулон дастуру тавсияҳо доданд.

Дар навбати худ масъулини корхона омодагии худро барои дар оянда афзун намудани шумораи чунин корхонаҳои наву замонавӣ ва саҳмгузорӣ дар таъмини бозори дохилӣ баён доштанд.

www.prezident.tj

# ИФТИТОҲИ БИНОИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ ҶАЙҲУН

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷайҳунро ба истифода доданд.**



Ифтитоҳи ин иншоот дар доираи тадбирҳои созандагию бунёдкорӣ ва бо мақсади таҳкими заминаҳои моддиву техникии сохторҳои ҳизбӣ амалӣ гардид.

Сохтмони бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷайҳун ҷиҳати амалӣ намудани ташаббуси наҷиби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки бинои пешинаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун, ҳамагӣ аз 3 утоқи корӣ иборат буд ва барои фаъолияти самараноки кормандон шароити мусоиди корӣ фароҳам набуд. Бо назардошти афзоиши ҳаҷми фаъолият ва зарурати беҳтар намудани шароити корӣ, тасмим гирифта шуд, ки бинои нав бо талаботи муосири меъморӣ ва шаҳрсозӣ бунёд гардад.

Бинои нав аз 6 ҳуҷраи корӣ, китобхона, ҳуҷраи волонтёрон ва маҷлисгоҳ бо 60 ҷойи нишаст иборат буда, дар он барои қабули шаҳрвандон, баргузории чорабиниҳои сиёсиву маърифатӣ ва фаъолияти мунтазами ҳизбӣ тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Зимни боздид аз бинои нав, Сарвари давлат ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардида баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки таҳкими фаъолияти сохторҳои ҳизбӣ дар маҳал ба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ мусоидат менамояд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РАҚАМИ 53-И НОҲИЯИ ҶАЙҲУН, 16 ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ ВА 3 КОРХОНАИ САНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҷайҳун бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 53-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 53-и ноҳияи Ҷайҳун ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

Корҳои сохтмониро мутахассисон ва бинокорони Кооперативи тиҷоратии Беҳбуд бо истифода аз маҳсулоти хушсифати сохтмонӣ, риояи стандартҳои байналмилалӣ ва тарҳу унсурҳои зебои меъморӣ анҷом додаанд, то дар ин боргоҳи илму маърифат кӯдакону наврасон солиёни зиёд бо таълиму тарбияи хушсифат фаро гирифта шаванд.

Муассисаи таълимии мазкур барои 1300 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 28 синфхонаи барҳаво, маҷлисгоҳ, толори фарҳангию варзишӣ, ошхона бо 50 ҷойи нишаст, китобхона, бунгоҳи тиббӣ ва хонаҳои методӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо омӯзгорону хонандагон изҳор доштанд, ки бо фароҳам гардидани шароити мусоиди таълиму тарбия дар тамоми муассисаҳои таълимии умумии кишвар бояд дар мадди аввал на миқдор, балки сифати таҳсилот ва дониш гузошта шавад.

Иттилоъ доданд, ки дар 34 соли соҳибистиқлолӣ дар кишвар барои фаро гирифтани наврасону ҷавонон бо донишҳои муосири ба меъёрҳои стандарти байналмиллалӣ ҷавобгӯ, омӯзиши фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ ва технология бунёди як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таълимии навъи нав дар сатҳи баланд роҳандозӣ гардида, шароити таълим фароҳам гардидааст.

Танҳо дар солҳои 2024-2025 дар назди 52 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ҷайҳун 91 синфхонаи иловагӣ бо 2 ҳазору 275 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ҳамин ҷо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 иншооти соҳаи маорифро дар ноҳияҳои Ҷайҳун, Дӯстӣ, Панҷ, Қубодиён, Шаҳритус, Носири Хусрав ва 3 корхонаи саноатиро дар ноҳияҳои Дӯстӣ ва Панҷ ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Ба истифода додани Муассисаи давлатии томактаби "Маърифат" дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 барои 400 кӯдак, Муассисаи таҳсилоти томактаби "Донояк", биноҳои нави таълимӣ дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и шаҳраки Дӯстӣ, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6-и деҳоти Панҷ ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 11-и деҳоти Қумсангири ноҳияи Ҷайҳун бо фарогирии 1440 хонанда, бинои маъмурии маорифи ноҳияи Дӯстӣ, биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳоти Ҷиликӯл, деҳоти Хуррамдиёр ва деҳоти Навзамини ноҳияи Дӯстӣ, бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 9 бо 1280 ҷойи нишаст ва бинои иловагӣ бо 480 ҷойи нишаст дар деҳаи Ҳамдилони ноҳияи Панҷ, бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51 бо 1400 ҷойи нишаст ва Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ барои 375 кӯдак дар ноҳияи Қубодиён, биноӣ иловагии таълимӣ бо 800 ҷойи нишаст дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6 дар ноҳияи Шаҳритус ва ду бинои иловагии таълимӣ бо 800 ҷойи нишаст дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 дар ноҳияи Носири Хусрав аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кишвар маориф аз соҳаҳои афзалиятнок эътироф гардида, сохтмон ва бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вусъати тоза пайдо менамоянд.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳама иншооти соҳаи маориф бо шароити хуби таълимӣ ва компютеру синфхонаҳои фаннӣ таъмин карда шудааст.

Дар доираи амалинамоии ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин Корхонаи истеҳсоли шифер бо 45 ҷойи корӣ, Корхонаи коркарди пахтаи ҶДММ "Сармояи Дӯстӣ" барои коркарди 10 ҳазор тонна пахта бо 35 ҷойи корӣ дар ноҳияи Дӯстӣ ва Корхонаи коркарди пахта дар Парки технологӣ-инноватсионӣ бо 50 ҷойи корӣ дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлонро ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми бунёдкоронаи соҳибкоронро шоистаи таҳсин хонда, ба масъулони корхонаҳои саноатӣ дастур доданд, ки ба сифати маҳсулот ва коркарди пахта таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, дар оянда доираи фаъолияти корхонаҳоро васеъ ва ҷойҳои кориро зиёд намоянд.

**www.prezident.tj**

# БОЗДИД АЗ НАМОИШИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗОНИ НОҲИЯИ ҶАЙҲУН

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Ҷайҳун ҳамчунин аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавот, анвои гуногуни меваи тару хушк, маҳсулоти консервашуда, полезӣ ва ғалладонагию лӯбиёгиҳо, ки бо истифода аз обу ҳавои мусоид, замини ҳосилхез ва тухмиҳои хушсифат ба даст омадаанд, дидан карданд.**



Соли равон кишоварзони ноҳия бо истифода аз имкониятҳои мавҷудаи табиӣ майдони кишти зироатҳои кишоварзиро ба 23 ҳазору 284 гектар расонидаанд.

Заҳмати пайвастаи хоҷагидорон ва риояи агротехникаи кишту парвариш имкон фароҳам овардааст, ки дар ноҳияи Ҷайҳун афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардад.

Тавре иттилоъ дода шуд, ба ҳолати 1 декабри соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 11 ҳазору 728 тонна картошка, 48 ҳазору 890 тонна ғалладонагӣ, 29 ҳазору 969 тонна меваҷот, 159 ҳазору 677 тонна сабзавот, 3 ҳазору 285 тонна ангур, 168 ҳазору 775 тонна полезӣ, 24 ҳазору 730 тонна шир, 5 ҳазору 255 тонна гӯшт, 23,9 тонна асал, 146,4 тонна моҳӣ ва 4 миллиону 146,9 ҳазор дона тухм истеҳсол шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар ноҳия ҷамъоварии ҳосили сабзӣ, ҷуворимаккаи дон ва полезиҳо аз кишти такрорӣ идома дорад.

Намоишгоҳ, ки дар шакли хеле ҷолибу диданӣ пешниҳод гардид, баёнгари фаровонҳосилӣ ва таҷрибаи ғании деҳқонони заҳматкарини ноҳия дар самти оқилона истифода бурдани замин аст.

Маҳсули ҳунари занону кадбонуҳои ноҳия, аз ҷумлаи анвои гуногуни нон ва таомҳои тоҷикӣ ҳам дар шакли густрурда бозгӯи заҳмати аҳлона аст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ва кишоварзони ноҳия барои боз ҳам баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, самаранок истифода бурдани замин, захираи маҳсулот барои давраи зимистон, зиёд намудани масоҳати боғу токзор ва шудгори замин дастуру тавсияҳо доданд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ ОРД БА НОМИ МАҶИД ҲАФИЗОВ ДАР НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ корхонаи орди ба номи Маҷид Ҳафизовро ифтитоҳ намуданд.**

Ин корхона аз ҷониби Корпоратсияи «Тоҷвар» бунёд шуда, иқтидори истеҳсолии он дар як шабонарӯз то 200 тонна коркарди ғалларо ташкил медиҳад.

Ғалла аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид гардида, қабл аз коркард дар озмоишгоҳи махсуси корхона мавриди ташхиси сифат қарор дода мешавад.

Барои таъмини мустақими воридоти ғалла, корхона ба хатти роҳи оҳан пайваст буда, дорои ду анбори муосири нигоҳдории ашёи хом бо ғунҷоиши умумии 50 ҳазор тонна мебошад.

Дар корхонаи орд ба номи Маҷид Ҳафизов 150 мутахассиси маҳаллӣ дар ду баст бо кор таъмин гардида, барои онҳо шароити муносибу муосири корӣ ва маишӣ фароҳам оварда шудааст.

Тавре иттилоъ дода шуд, таҷҳизоту дастгоҳҳои истеҳсолӣ ҷавобгӯ ба стандартҳои муосир буда, раванди истеҳсолот аз коркарди ашёи хом то бастубанди маҳсулоти тайёр тавассути се хатти автоматии банду баст анҷом дода мешавад.

Маҳсулоти корхона таҳти бренди Балхӣ дар борхалтаҳои 50 ва 10 килограммӣ истеҳсол гардида, асосан ба бозори дохилӣ пешниҳод мешавад.

Бо мақсади тақвияти занҷираи пурраи истеҳсолӣ, масъулин ният доранд дар ояндаи наздик дар назди корхона коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ ва хӯроки чорво таъсис диҳанд.

Ҳамчунин, дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати истифодаи самараноки неруи барқ, бунёди неругоҳи барқии офтобӣ ба нақша гирифта шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулин ва мутахассисон ташаббуси бунёди ин корхонаи истеҳсолиро шоистаи таҳсин арзёбӣ намуда, барои фаъолияти самаранок, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти босифати ивазкунандаи воридот ва таъмини бозор бо маводи аввалияи ғизоӣ дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**





# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАКАРОНИ РУМИ ПАСТА ДАР НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДИНИ БАЛХӢ



**25 декабр зимни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Корхонаи макарони «Руми Паста»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи нави саноатӣ пас аз таҷдиду навсозӣ давоми як сол мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Таҷҳизоти корхонаи нави саноатиро соҳибкорони ватанӣ аз давлати Италиё ворид намуда, барои фаъолияти минбаъда мутахассисони маҳаллиро ба кор ҷалб намудаанд. Ҳоло корхонаи навтаъсис дорои як хатти технологӣ буда, 20 нафар мутахассис дар ду баст ба фаъолият фаро гирифта шудаанд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар ин корхона се номгӯи маҳсулот истеҳсол ва бастабандӣ карда мешавад.

Масъулон тасмим гирифтаанд, ки бо ворид намудани ду хати нави технологӣ иқтидори истеҳсолии корхонаро боз ҳам зиёд намоянд. Аснои шиносой Сарвари давлат ба кормандон ва мутахассисон вобаста ба истифодаи имкониятҳои мавҷуда ва истеҳсоли маҳсулоти босифати ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмиллалӣ дастур доданд.

Оянда баробари ба кор андохтани хатҳои нави технологӣ шумораи кормандон дар Корхонаи истеҳсоли макарони «Руми Паста» ба 50 нафар мерасад.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТОМАКТАБИИ ИННОВАТСИОНӢ ВА МАРКАЗИ ИНКИШОФИ КӮДАК ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар бинои Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва маркази инкишофи кӯдакро ба истифода доданд.**



Иншооти нави соҳаи маориф дар маркази вилояти Хатлон барои ба таълим фаро гирифтани 240 тарбиятгиранда дар 10 гурӯҳ пешбинӣ гардидааст.

Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва маркази инкишофи кӯдак дар шаҳри Бохтар аз ҷониби соҳибкор Ҷамшед Назризода бунёд карда шудааст. Дар ин муассиса 20 кас ба кори доимӣ таъмин шудаанд ва ин барои дар шароити муосир ба таҳсили томактабӣ фаро гирифтани наврасон имконияти хуб ба ҳисоб меравад.

Дар посух ба дастгирию таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар саҳмгузории намояндагони бахши хусусӣ дар корҳои ободонӣ барои ба талабот мутобиқ шудани хизматрасониҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва беҳтар шудани сифати таълиму тарбия мусоидат намудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини соҳаи маориф ва омӯзгоронро барои истифодаи босамар аз шароити фароҳамшуда, баланд бардоштани сифати таълим ва ба камол расонидани насли донишманду хештаншинос вазифадор карданд.

Ёдовар бояд шуд, ки 27 октябри соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва маркази инкишофи кӯдак санги асос гузошта буданд. Дар ин муддат иншооти соҳаи маориф дар асоси лоиҳа бо ҷалби коргарону мутахассисон мутобиқ ба талабот сохта шудааст.

Бунёди Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва маркази инкишофи кӯдак дар шаҳри Бохтар ва мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ фароҳам овардани шароит барои дӯстрӯякон намунаи иҷрои супоришҳои Роҳбари давлат ба ҳисоб меравад.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ ФОСИЛАВИИ 7 ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ, МУАРРИФИИ ЛОИҲАҲОИ БУНЁДИ 4 ИНШООТИ ДИГАРИ ИН СОҲА, 1 МУАССИСАИ ВАРЗИШӢ ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ БОХТАР, КӮШОНИЁН ВА ВАХШ

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз мавриди истифода қарор додани Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ ва маркази инкишофи кӯдак, 7 муассисаи соҳаи маориф ва роҳҳои мошингард дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯшониён ва Вахшро ба таври фосилавӣ ифтитоҳ намуда, бо лоиҳаҳои бунёди 4 муассисаи соҳаи маориф, 1 иншооти соҳаи варзиш шинос шуданд.**




Зимни ифтитоҳи иншооти соҳаи маориф 6 маркази инкишофи кӯдак барои 390 кас ва бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 72 бо 480 ҷойи нишаст дар ноҳияи Кӯшониён ба таври фосилавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Иншооти зикргардида дар идомаи ташаббусҳои роҳнамунсози Роҳбари давлат дар самти беҳсозии заминаи таълиму тарбия ва рушди соҳаи илму маориф аз ҳисоби Барномаи инкишофи барвақтии кӯдак бо маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ бунёд гардидаанд.

Зимни суҳбат бо масъулон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди марказҳои инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд.

Зимни ифтитоҳи 27 километр роҳи мошингарди Ҷамоати шаҳраки Зарнисори ноҳияи Вахш ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки роҳи мошингарди байни деҳаҳои Ҷамоати шаҳраки Зарнисор дар се қитъа мутобиқ ба меъёрҳои стандартӣ сохта шудааст.

Роҳи бунёдгардида ба сатҳу сифати зиндагии мардум ва ба рушди ноҳия саҳми муҳим мегузорад.

Аснои шиносоӣ бо лоиҳаҳои бунёди 4 муассисаи соҳаи маориф иттилоъ дода шуд, ки Муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 200 кӯдак дар маҳаллаи Хоҷишариф, Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ барои 300 кӯдак дар маҳаллаи Маданият ва ду муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар маҳаллаҳои Дӯстӣ ва Маданияти шаҳри Бохтар бо 4800 ҷойи нишаст бунёд мегарданд.

Инчунин, зимни шиносоӣ бо лоиҳаи бунёди Маҷмааи варзишӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки корҳои сохтмонӣ ва ободонии атрофи маҷмаа бо сифати баланди ҷавобгӯ ба меъёрҳои меъмории муосир ва бо истифода аз масолеҳи хушсифати сохтмонӣ анҷом дода шавад.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ БИНОИ ҶДММ ШИФОБАХШИ АСР ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Маркази ташхису табобати Шифобахши Асрро ба истифода доданд.**



Иншооти нави тандурустӣ аз шуъбаи қабул, ташхис, таҳлил, ҷарроҳӣ ва эҳё иборат буда, дар он ташхису табобати бемориҳои дилу рагҳо, асаб, амрози даруна, амрози занона ва дигар намуди бемориҳо ба роҳ монда шудааст. Дар марказ 32 ҷойи нави корӣ таъсис ёфтааст, ки каси баландихтисоси дар дохил ва хориҷи кишвар таҳсилнамуда барои хизматрасонӣ ҷалб шудаанд.

Дар маҷмуъ Маркази ташхису табобатии Шифобахши Аср дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон аз 14 ҳуҷраи корӣ ташхисӣ ва 5 ҳуҷра барои бистарикунонӣ иборат мебошад.

Иншооти нави тиббӣ дар доираи дастгирию таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар нисбат ба фаъолияти намояндагони бахши хусусӣ аз ҷониби соҳибкор Насим Мирпочозода мутобиқ ба талаботи замони муосир сохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон табибону кормандони марказро барои истифодаи бамаврид аз технологияи муосир ва саривақту дар сатҳи баланд хизматрасонӣ кардан ба мардум вазифадор намуда, бештар кардани корҳои фаҳмондадиҳиро барои пешгирӣ аз гирифторшавӣ ба бемориҳои гуногун зарур донистанд.

Дар иншооти нави тандурустӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ аз Чин, Ҷопон, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ ва Нидерландия ворид гардида, ба муроҷиаткунандагон дар сатҳи баланд хизмат расонида мешавад.

Ҳоло намояндагиҳои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Маркази ташхису табобатии Шифобахши Аср дар 10 шаҳру ноҳияи кишвар ба муроҷиаткунандагон хизмати тиббӣ мерасонанд.

Дастгирию таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи иҷтимоӣ имкон додаст, ки дар муассисаҳои тандурустӣ мутобиқ ба талабот барои ташхису табобат шароит фароҳам оварда шавад ва беморон дар сатҳи баланд муолиҷа гиранд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ БАЛАНДОШЁНАИ ИСТИҚОМАТИИ ХАЙРИЯВИИ ЭҲСОН БО МАРКАЗИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар кӯчаи Садриддин Айнии шаҳри Бохтар бинои баландошёнаи истиқоматии хайриявии Эҳсонро бо маркази савдо ва хизматрасонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Бино аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Фатҳулло Соҳибов бунёд гардида, аз 12 ошёна ва 80 хона иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо бинои нав дар ҳамин ҷо ба маъюбону ниёзмандон, кормандони мақомоти қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, хизматчиён ва дигар сохторҳои гуногуни давлатӣ калиди хонаҳои истиқоматӣ тақдим намуданд.

Дар хонаҳои истиқоматии барҳаво, ки мутобиқ ба талаботи муосир сохта шудаанд, тамоми ҷиҳоз ва ашёи зарурӣ барои зист фароҳам оварда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми ин соҳибкорро намунаи олии ватандӯстӣ ва шоистаи таҳсин дар кишвар маънидод карданд. Зимнан онҳое, ки соҳиби манзилҳои истиқоматӣ шуданд, муҳаббату самимияти худро ба ин ғамхориву ташаббусҳои инсондӯстонаи Президенти кишвар баён намуданд.

Ин бино дар давоми зиёда аз ду сол бо ҷалби 40 мутахассиси маҳаллӣ бо сатҳу сифати баланд сохта шудааст.

Ошёнаҳои 1 ва 2 барои маркази савдо ва хизматрасонӣ пешбинӣ шуда, дар онҳо 20 кас соҳиби кор мешаванд.

**www.prezident.tj**

# МУЛОҚОТ БО ЯТИМОНИ КУЛЛ, ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ, ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР ШАҲРИ БОХТАР ВА ТАҚДИМИ ТУҲФАҲО БА ОНҲО



**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи як зумра иншооти таъйиноти гуногун дар шаҳри Бохтар бо 100 кас аз ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявӣ, олимпиадаҳои фаннию байналмилалӣ ва ятимони кулл аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон мулоқоти самимӣ ороста, ба онҳо туҳфаҳо тақдим намуданд.**

Зимни суҳбат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён доштанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шароити арзандаи зиндагии ятимону бепарасторон ва беҳсозии таълиму парвариши хонандагон пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Тавре иттилоъ дода шуд, ки имсол аз озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” довталабони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 28 ҷойи ифтихорӣ ва 2 шоҳҷоиза, “Илмфурӯғи маърифат” 20 ҷой гирифта, ҳамчунин аз олимпиадаҳои фаннии мактаббачагон 800 хонанда соҳиби медал гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фароварди мулоқот онҳоро таҳсили хубу аъло, омӯхтани касбу ҳунар, илмҳои муосир ва иштироки фаъолона дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ҳидоят намуданд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ №17 ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-ро ифтитоҳ намуданд.**



Иншоот барои ба таҳсил фаро гирифтани 1240 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, дар он 68 омӯзгори соҳибтахассус бо кор таъмин шуданд.

Бо мақсади фарогирии кӯдакон ба таълими томактабӣ дар назди муассиса Маркази инкишофи кӯдак таъсис дода шудааст.

Бинои таълимӣ дорои 33 синфхонаи муҷаҳҳаз, ҳуҷраҳои корӣ, толори маҷлис бо 104 ҷойи нишаст, китобхона, ошхона, толору майдончаи варзишӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон буда, мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ сохта шудааст. Кабинетҳои фаннӣ, аз ҷумла фанҳои физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ ва дигар шароити мусоиди таълиму тадрис ба баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон мусоидат менамоянд.

Раванди таълим дар асоси барномаҳои давлатии таълимии соҳавӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст. Қабули хонандагон ба муассиса тавассути санҷиш ва баҳогузории донишу малака сурат мегирад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор намуданд, ки сатҳу сифати таълиму тарбияро мунтазам назорат ва таҳлил намуда, омӯзгоронро ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб кунанд ва барои таҳияи дастурҳои таълимии мутобиқ ба талабот тадбирҳои амалӣ андешанд.

# БА ТАВРИ ФОСИЛАВӢ БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ЯК ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ЯК КОРХОНАИ САНОАТӢ




**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз мавриди истифода қарор додани Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17, дар ҳамин ҷо ба таври фосилавӣ се иншооти соҳаи маориф, як корхонаи истеҳсолӣ дар минтақаи саноатии шаҳри Левакант, инчунин хобгоҳи Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №60-ро бо 450 ҷойи хоб дар ноҳияи Вахш ифтитоҳ намуданд.**

Корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Хусрав сохтмон бо ташаббуси соҳибкори ватанӣ Суннатулло Гадоев дар масоҳати 3 ҳазор метри мураббаъ бунёд гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки раванди истеҳсол пурра бо истифода аз технологияҳои муосир ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз 60 ҳазор дона хиштро ташкил медиҳад ва ҳаҷми солонаи истеҳсолот ба зиёда аз 22 миллион дона мерасад. Ҳоло ҳол дар корхона 20 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ ва 20 каси дигар ба корҳои мавсимӣ ҷалб гардидаанд.

Дар назар аст, ки то ҷашни байналмилалии Наврӯз марҳилаи дуюми корхона ба истифода дода шуда, истеҳсоли хишти сабук (газоблок) ба роҳ монда шавад. Бо татбиқи ин марҳила барои боз 20 каси дигар ҷойи кор таъсис меёбад.

Ҳамчунин, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бинои иловагии таълимӣ барои 600 хонанда дар ду баст дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26, бинои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37 дар деҳаи Ганҷинаи ноҳияи Хуросон бо 480 ҷойи нишаст дар ду баст ва бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳияи Кӯшониён бо 480 ҷойи нишаст мавриди истифода қарор дода шуданд.

Хобгоҳи Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №60 бо 450 ҷойи хоб дар ноҳияи Вахш баъд аз анҷоми корҳои таъмиру навсозӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Иншооти мазкур аз ду бинои сеошёна иборат буда, бо тамоми шароити зарурӣ барои истиқомати хонандагон муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Бо мавриди истифода қарор додани ин иншооти иҷтимоӣ имкон фароҳам омад, ки хонандагони аз шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар бо ҷойи хоби замонавӣ ва шароити муносиб таъмин шаванд.

Зимни боздид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи биноҳои нави соҳаи маорифро қадами муҳим дар самти рушди соҳаи маориф арзёбӣ намуда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити муосири таҳсил ва баланд бардоштани сифати таълим ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ ХОБГОҲИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА МУАРРИФИИ ЛОИҲАИ БУНЁДИ БИНОИ НАВИ ХОБГОҲИ 7-ОШЁНА

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар бинои хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро ифтитоҳ намуданд.**



Тибқи маълумот, корҳои сохтмонии хобгоҳ аз соли 2023 оғоз гардида, дар муҳлати муайяншуда бо сифати баланд бунёд гардидааст.

Бинои хобгоҳи донишҷӯён дорои 153 ҳуҷраи истиқоматӣ мебошад ва барои 460 донишҷӯ пешбинӣ шудааст. Дар иншоот барои донишҷӯён тамоми шароити зарурии муосир, аз ҷумла утоқҳои барҳавои хоб, толорҳои мутолиа, китобхона, ошхона, нуқтаҳои хизматрасонӣ, ҳуҷраҳои тиббӣ ва дигар иншооти ёрирасон фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити хобгоҳ ба сифати корҳои сохтмонӣ, сатҳи таҷҳизот ва омодагии иншоот баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки Ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи маориф ва фароҳам овардани шароити арзандаи таҳсилу зиндагӣ барои ҷавонон таваҷҷуҳи хос медиҳад.

Ҳамзамон, Сарвари давлат бо донишҷӯён суҳбати самимӣ анҷом дода, бо назардошти зиёд будани ниёз ба кадрҳои баландихтисос онҳоро ба омӯзиши амиқи илму технологияи муосир, риояи интизом, пайваста такмил додани малакаи касбӣ ва дар ояндa хизмат намудан ба нафъи ҷомеа ҳидоят карданд.

Роҳбарият, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои таваҷҷуҳ ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат изҳори сипосу миннатдорӣ намуда, хобгоҳи навро туҳфаи арзанда ва заминаи мусоид барои таҳсилу зиндагии ҷавонон арзёбӣ карданд.

Дар ин рӯз, ҳамчунин, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати сохтмони бинои нави хобгоҳ барои донишҷӯён, ки дорои 125 ҳуҷра бо 375 рахти хоб хоҳад буд, санги асос гузошта шуд.

**www.prezident.tj**

# БА ИСТИФОДА ДОДАНИ БИНОИ ИЛОВАГИИ ТАЪЛИМИИ КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ИННОВАТСИОНӢ ВА БА ТАВРИ ФОСИЛАВӢ ИФТИТОҲ НАМУДАНИ БИНОИ ИЛОВАГИИ ТАЪЛИМӢ ВА ХОБГОҲИ КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ХУСУСИИ ДАВО ДАР ШАҲРИ БОХТАР

**25 декабр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар бинои иловагии таълимии Коллеҷи тиббии инноватсиониро мавриди истифода қарор доданд.**



Иншооти нави таълимӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи омодасозии мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва фароҳам овардани шароити муосири таҳсил аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Қурбоналӣ Қаҳҳоров сохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои таълимӣ ба соҳибкори ватанӣ барои саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи тандурустӣ ва бунёди чунин иншооти замонавӣ изҳори сипос намуданд.

Дар муассиса 53 синфхона, аз ҷумла 16 синфхонаи лексионӣ ва 4 синфхонаи омӯзиши малакаҳои амалӣ фаъолият менамояд. Омӯзиш аз рӯйи 7 самт ва 9 ихтисос, аз ҷумла момодоягӣ, ҳамширагӣ, фармасевтӣ, дандонсозӣ, табобати дандон ва тиббию ташхисӣ ба роҳ монда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки қабули донишҷӯён пас аз хатми синфҳои 9 ва 11 тавассути Маркази миллии тестӣ сурат мегирад.

Иншоот дорои хобгоҳ барои 120 нафар, ошхона бо 250 ҷойи нишаст, китобхонаи электронӣ бо зиёда аз 15 ҳазор маводи таълимӣ ва китобхонаи умумӣ бо 12 ҳазор нусха китоб мебошад.

Дар муассиса 215 кас бо кор таъмин шуданд, ки аз ин шумора 48 мутахассиси соҳаи тиб, 35 корманди техникӣ ва 132 омӯзгори соҳибтаҷриба мебошанд.

Ҳоло дар Коллеҷи тиббии инноватсионӣ 3500 донишҷӯ таҳсил менамоянд, ки аз онҳо 2410 кас духтарон мебошанд.

Ёдовар мешавем, ки бо ташаббуси соҳибкори ватанӣ Қурбоналӣ Қаҳҳоров дар шаҳри Бохтар боз як қатор корҳои дигари ободонию созандагӣ амалӣ гардидаанд. Аз ҷумла, ӯ дар чароғон кардани 5 кӯчаву хиёбонҳои маркази шаҳри Бохтар дар масофаи зиёда аз 15 километр ва рангубори зебои биноҳои он иштироки фаъол доштааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки аз ҷониби ин соҳибкор бо ҳадафи фароҳам овардани шароити мусоиди истироҳат ва рушди ҷисмонии кӯдакону наврасон, дар ҳудуди шаҳри Бохтар 8 майдончаи бозии кӯдакон ва 2 майдончаи варзишӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуданд. Ин тадбирҳо ба беҳтар гардидани инфрасохтори шаҳр, таъмини шароити зиндагии шоистаи сокинон ва боз ҳам зеботар гардидани шаҳри Бохтар мусоидат менамоянд.

Пас аз ба истифода додани биноИ иловагии таълимии Коллеҷи тиббии инноватсионӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин ҷо биноИ иловагии таълимӣ ва хобгоҳи Коллеҷи тиббии хусусии Даворо ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти мазкур дорои шароиту имкониятҳои зарурии таълимӣ буда, бо таҷҳизот ва воситаҳои аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2021 оғоз гардида, аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Рушди Хатлон бунёд шудааст.

Шумораи умумии кормандони Коллеҷи тиббӣ 166 касро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 138 омӯзгор ва 28 корманди техникӣ мебошанд.



Хобгоҳи муассиса дорои 160 ҷойи хоб мебошад.

Дар ин муассиса 2500 донишҷӯ дар ду баст таҳсил менамоянд, ки аз онҳо 1500 касаш духтарон мебошанд.

Бунёди ду муассисаи муосири таълимии тиббӣ дар шаҳри Бохтар барои ҷалби бештари духтарон аз шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар ба таҳсил заминаи мусоид фароҳам меорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки соҳаи тандурустӣ аз ҷумлаи соҳаҳои нозук ва пурмасъулият ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон дастур дода шуд, ки донишҷӯёнро ба омӯзиши донишҳои муосир ҳидоят намуда, онҳоро дар роҳи хизмати софдилона ба Ватан раҳнамо бошанд, то дар оянда ҳамчун мутахассисони баландихтисос ба Тоҷикистони соҳибистиқлол содиқона хизмат намоянд.

**www.prezident.tj**

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтономаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, биноИ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.